# Мароҳили хилқати инсон

Худованд тайи мароҳили хилқати инсонро (яъне робитаи ӯро бо мабдаи фоилӣ) дар Қуръон чунин баён мефармояд:

1. Дар нахустин марҳала инсон «**қаблан чизе набуд**», яъне ба унвони шайъ дар олами ҳастӣ ҳузур надошт: «**Ва қад халақтука мин қаблу ва лам таку шайъан**». Ва ба таҳқиқ офаридам туро аз қабл, ҳол он ки чизе набудӣ. (Сураи Марям, ояти 9).
2. Дар марҳалаи баъд инсон «**қобили зикр набуд**», яъне ҳастӣ ёфт, вале чизе қобили зикр набуд: «**Ава ла́ язкурул инса́ну анна́ халақна́ҳу мин қаблу ва лам яку шайъан**». Оё мутазаккири он намешавад инсон, ки халқ кардем ӯро аз қабл ва ҳоло он ки маъдуми маҳзу чизе набуд. (Сураи Марям, ояти 67)
3. Дар марҳалаи баъд аз доштани «**илми собиқ**» доир ба ночиз будани инсон хабар медиҳад: «**Ҳал ата́ алал инса́ни ҳийнун минад-даҳри лам якун шайъан мазкуран**». Оё бар инсон рӯзгоре нагузашт, ки чизе лойиқи зикр набуд. (Сураи Инсон, ояти 1).
4. Сипас дар марҳали баъд «**фаромӯшии шинохт**» нисбат ба ин ҳақиқатро ба инсон хабар медиҳад.

5. Ва дар мароҳили ниҳоӣ «**имкони мутазаккир доштан**» ба ин ҳақоиқро ба ӯ хабар медиҳад.

Аз маҷмӯи оёти мазкур се марҳала барои инсон истинбот мешавад, ки боратанд:

**1.** Марҳалае, ки инсон аслан шайъ набуд.
**2.** Марҳалае, ки шайъ буд, аммо номвар набуд.
**3.** Марҳалае, ки шайияти қобили зикр пайдо кард.

**Сана: 10.10.2018**